**ПРОТОКОЛИ №7**
**маҷлиси шурои ҳимояи якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-0-57 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ**

аз 16-уми июни соли 2025 ш.Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**
аз 17 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои физика ва математика Каримов Ф.Ҳ.

Аз 17 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №160/ҳя тадсиқгардида 15 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон доктoрони илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои техникӣ, профессор Комилов О.К., аъзоёни комиссияи экспертӣ номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсент Саидова Д.Н. ва номзади илмҳои география Абдураҳимова М.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асламов Б.Р. дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои ҳимояи якдафъаинаи диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Асламов Б.Р. дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи

Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Асламов Б.Р. дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҳимов Абдулфаттоҳ Ибрагимович – доктори илмҳои география, и.в. профсессори кафедраи геоэкология ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»;
- Домуллоджанов Далер Хамидович – номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбарандаи илм, шуъбаи истифодабарии хоҷагии оби Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия»-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин гардид.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26.08.2025, соати $10^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физика ва математика — Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ — Ғайратов М.Т.

Имзои Каримов Ф.Ҳ. ва Ғайратов М.Т.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
17.06.2025 с.